# Баргузории мизи мудаввар бахшида ба Рӯзи ҷавонон дар мавзуи «Ҷавонон - пайравони Пешвои миллат»

Submitted by Ҳайати тадорукот on 17 May, 2024 - 15:55

[1]

Тибқи Нақшаи кории Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷиҳати иҷрои супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзи 17-уми майи соли 2024 дар толори Кумита бахшида ба таҷлили Рӯзи ҷавонон мизи мудаввар дар мавзуи «Ҷавонон - пайравони Пешвои миллат» бо иштироки аъзои Ҳайати мушовара, роҳбарият ва кормандони Кумита ва донишҷӯёни Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода баргузор гардид.
Чорабинии илмӣ бо садо додани Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз шуд.

Раиси Кумита О. Муҳаммадҷонзода чорабиниро ифтитоҳ ва ҳозиринро хайрамақдам гуфта, ҳамагонро бо таълили Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон табрик намуда, ҳамзамон, зикр намуд, ки Ҳукумати Тоҷикистон бо мақсади баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии ҷавонон ва беҳдошти фазои қонунии он тадбирҳои муассирро амалӣ карда истодааст. Ин бори дигар собит месозад, ки Тоҷикистон дар таҳкими сиёсати давлатдорӣ ва сохтмони ҷомеаи демократии ҳуқуқбунёд ташаккули сиёсати ҷавононро яке аз самтҳои асосӣ ва стратегии фаъолияти худ қарор додааст. Бинобар ин, ҷавононро зарур аст, ки аз ин имкониятҳо самаранок истифода намуда, баҳри рушду камолот ва ободии ватани азизамон талош намоянд.

Дар суханрониҳои аъзои мушовара ва кормандони Кумита хизматҳои шоёни Сарвари ҷавонпарвару сулҳпарвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тарбияи насли замони нав, ҷалби ҷавонон ба илм ва азхудкунии техникаву технологияҳои муосир, саҳми ҷавонон дар масири давлату давлатсозии навини тоҷикон, ҷавонон пайрави Пешвои миллат ва ҳомии неъматҳои истиқлолу ваҳдат, ҷалби мутахассисони баландихтисос ба ҷараёни тарбияи кадрҳои оянда ва сиёсати давлатии ҷавонон зикр карда шуд.

Дар чорабинии мазкур чанде аз донишҷӯён баромад намуда, аз он шароиту имконияте, ки давлату Ҳукумат барои онҳо фароҳам овардааст, аз сиёсати Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба ҷавонон изҳори қаноатмандӣ намуданд.

Чорабинии зебои фарҳангӣ идомабахши ҳамоиши мазкур гардида, он хотири иштирокдоронро болида гардонд.

**Content rating:** Select rating
Average: 5 (3 votes)

Rate

## Category:

- Ахбори рӯз [2]

- 

- 

-

- 

- 

- 



https://istilohot.tj/sites/default/files/%D0%A0%D3%AF%D0%B7%D0%B8%20%D2%B6%D0%B0%D0%B2%D0%BE%D0%BD%D0%BE%D0%BD.pdf

**Source URL:**https://istilohot.tj/en/node/7023

**Links**
[1] https://istilohot.tj/sites/default/files/field/image/20240517_100426.jpg [2] https://istilohot.tj/en/taxonomy/term/10 [3] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20240517_100426.jpg [4] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20240517_100508.jpg [5] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20240517_100521.jpg [6] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20240517_100702.jpg [7] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20240517_100723.jpg [8] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20240517_103240.jpg [9] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20240517_103257.jpg [10] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20240517_103259.jpg [11] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20240517_103356.jpg [12] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20240517_104001.jpg [13] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20240517_110023.jpg [14] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20240517_111646.jpg [15] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20240517_111709.jpg